**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 17)**

**Тақриз**

**ба рисолаи номзадии Ҳоҷиев Муҳиддин Соҳибқулович оид ба мавзӯи «Қонуномаи Сосониён ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқӣ: таҳқиқоти таърихӣ – ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат**

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот**. Дар рисолаи номзадии мазкур ҷанбаҳои ҳуқуқии давраи Сосониён, ки ба далелҳо ва матнҳои алоҳидаи "Қонунномаи Сосониён", ки он роҳнамои ҳуқуқӣ ва намунаи ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии таърихӣ мебошад мавриди таҳқиқ қарор дода шуда. "Қонунномаи Сосониён" ин талфифаи меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки аз тарафи Фаррухмард писари Баҳром, ҳамасри Хусрави II Парвиз тақрибан соли 620 тартиб дода шудааст. Гарчанде он ҳамчун кодекс эътироф намегардад, лекин дар он ҳодисаҳои ҳуқуқӣ, ки ба соҳаҳои мухталиф ва ниҳодҳои ҳуқуқ бахшида шудаанд, ҷамъоварӣ шудаанд. Таъйиноти асосӣ – роҳнамо барои судяҳо ва фаъолияти ҳаррӯзаи онҳо ба ҳисоб мерафт.

«Қонунномаи Сосониён» қариб ҳазор қарори судӣ ва маъмуриро, ки ба масъалаҳои мухталиф бахшида шудаанд, фаро мегирад. Дар тартиб додани «Қонунномаи Сосониён» дигар маҷмӯаҳо низ истифода гардидаанд, ки номи онҳо дар худи китоб дарҷ гардидаанд. Лекин, сарчашмаи асосии таълифи он қарори мақомотҳои расмии ҳокимият, ки қувваи ҳуқуқии худро нигоҳ доштанд, ақидаи судяҳо ва олимони обрӯманди ҳуқуқ ва урфу одатҳои амалкунанда ба ҳисоб мерафтанд.

Муаллиф қайд менамояд, ки сабаби асосии тартиб додани ин китоб имконнопазирии истифодаи минбаъдаи як қатор меъёрҳои «Авесто» ва дигар маҷмӯаҳои пешинаи ҳуқуқӣ мебошад, ки бо муносибатҳои нави

ташаккулёфта номувофиқ гардида буданд. Аз рӯи мазмуну мундариҷа меъёрҳои «Қонунномаи Сосониён» масоили муносибатҳои оилавӣ, шаклҳои никоҳ, истифодаи навъҳои мухталифи қарордодҳо, масъалаҳои мерос, васоят, ҷиноят ва ҷазоро фаро мегиранд.

Қайд намудан ба маврид аст, ки сарчашмаи мазкур дар доираҳои илмӣ бо номҳои «Қонунномаи Сосониён», «Қонуни мадании зардуштиён», «Қонунномаи ҳазор додистон (дадастон)», «Китоби ҳазор қарорҳои судӣ» ва ғайраҳо ёдовар мешавад.

**Дараҷаи навоварӣ, ки дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст омада ва барои ҳимоя пешниҳод шудаанд**

Дар рисола муаллиф 8 навгонии илмӣ пешниҳод намудааст, ки аксарияти онҳо аввалин маротиба дар шакли навгонӣ ҳамчун натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод шудаанд, аз ин сабаб лоиқи дастгирӣ мебошанд.

Ба ҳимоя нуктаҳои илмии зерин пешниҳод мегарданд, ки онҳо навгониҳои таҳқиқоти диссертатсияро ифода месозанд:

1. Ҷанбаҳои рушди муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодии империяи Сосониён диққатҷалбкунанда аст. Империяи Сосониён чорсад сол арзи ҳастӣ намуда, аз ҷиҳати иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ рушд намуда буд. Дар аввал меъёрҳои ҳуқуқии Авесто асосӣ буда, ҳамчун сарчашмаи тартиб додани маҷмӯаҳои ҳуқуқӣ баромад намудааст. Сабаби асосии тартиб додани Қонунномаи Сосониён ғайриимкон гардидани истифодаи минбаъдаи як қатор меъёрҳои «Авесто» ва дигар маҷмӯаҳои ҳуқуқӣ дар асоси номутобиқати онҳо ба муносибатҳои нави пайдошуда, ба ҳисоб меравад. Мувофиқи мазмуну мундариҷа меъёрҳои Қонунномаи Сосониён масъалаҳои муносибатҳои оилавӣ, шаклҳои никоҳ, бастани шартнома ва истифодаи навъҳои гуногуни он, масъалаҳои мерос ва меросгирӣ, парасторӣ, ҷинояткорӣ ва ҷазоро фарогир аст.

2. Дар тартиб додани Қонунномаи Сосониён аз маҷмӯаҳои ҳуқуқии ҷойдошта васеъ истифода карда шудааст, ки номи онҳо дар худи Қонуннома зикр гардидааст. Дар асоси таҳлили матни Қонуннома,

асосан ду гурӯҳи сарчашмаҳои танзимкунандаи он ҷудо карда мешавад. Гурӯҳи якуми сарчашмаҳо муқаррароти анъанавии ҳуқуқӣ, ки дар наскҳои ҳуқуқии Авесто, махсусан, дар шарҳу эзоҳоти паҳлавӣ ба ин наскҳо қайд гардидаанд, таҷассум менамоянд. Гурӯҳи дуюм – ин ақидаи ҳуқуқдонҳо, амру фармоиши шоҳон, қарорҳои судӣ, ки дар мурофияи судӣ қабул шудаанд, ба ҳисоб мераванд.

3. Меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ, ки дар ин марҳила амал менамуданд, одатан тариқи ҳуқуқҳои муқаррарӣ ва қисман тариқи “Қонунномаи Сосониён” пешбинӣ шуда буданд. Дар қонунҳои амалкунанда якчанд меъёрҳо муқаррар гардида буданд, ки масъалаҳои моликияти давлатӣ, калисоӣ, хусусӣ ва феодалиро танзим менамуданд. Мувофиқи сарчашмаҳои сосонӣ, соҳибҳуқуқӣ ва мукаллафияти одамон на танҳо аз вазъияти озодии ӯ, балки аз мансубият ба ҷамоаи оилавӣ, синну сол ва ҳатто мансубияти динӣ вобаста буд.

4. Шаклҳои мухталифи никоҳ – пурра, нопурра, муваққатӣ ҷой доштанд, ки аз онҳо ҳуқуқи зан ва фарзандоне, ки дар чунин оилаҳо таваллуд шудаанд, инчунин раванди бекоркунии никоҳ вобаста буд. Мувофиқан, муносибатҳои хешутаборӣ низ муҳим шуморида мешуданд. Безаниву бешавҳарӣ на танҳо бадбахтӣ, балки гуноҳ дониста мешуд.

5. Мувофиқи меъёрҳои Қонуннома ташкили суд, принсипҳои умумии муҳокимаи судӣ, мансабҳои судӣ, шакл ва тартиби муҳокимаи судӣ, тайёрӣ ва гузаронидани раванди судӣ, ҳуҷҷатҳои судӣ, қобилияти соҳибҳуқуқӣ ва намояндагӣ дар суд, тартиби пешниҳоди аризаи шикоятӣ ба низоми муайян ва муқаррар карда шудаанд. Дар муассисаҳои судӣ ду навъи судяҳо – судяҳои пастмартаба ва баландмартаба амал менамуданд. Даъво, аз рӯи характер, ба он даъвоҳое ки аз тарафи судяҳои пастмартаба ва даъвоҳое, ки аз тарафи судяҳои баландмартаба баррасӣ мегардиданд, ҷудо карда мешуданд. Қайд намудан зарур аст, ки судяҳои

баландмартаба, илова бар ин, мақоми аппелятсионӣ дар баррасии такрории парвандаҳо баромад менамуданд.

6. Дар Қонуннома қисми алоҳидаи меъёрҳо ба масъалаҳои мухталифи ваколатҳои ҳуқуқии судяҳо ва ҳам шахсони мансабдор, ки дар ихтиёри онҳо заминҳои давлатӣ ва шоҳӣ, воридот ба хазина, молу мулки ибодатгоҳҳо ва воридот ба хазинаи он қарор доштанд, бахшида шудааст. Инҳо астандарон, ки мақомоти идоракунии заминҳо ва молумулки подшоҳиро роҳбарӣ менамоянд, амаргарон – мансабдорони давлатии молиявӣ, роҳбарони молумулки ибодатхонаҳо ба ҳисоб мерафтанд. Ин мансабдорон дар ҳисоб кардан ва ҷамъоварии андоз ва муайян намудани ҷаримаҳо ва ҳам дар корҳои мусодира намудани молумулк ва ворид намудани онҳо ба хазинаи подшоҳ ё ибодатхона ваколатдор буданд. Илова бар ин, дар Қонуннома на танҳо оид ба уҳдадориҳои маъмуриву хазинавии ин мансабдорони давлатӣ, балки оид ба салоҳияти онҳо дар иштирок намудани раванди судӣ ба сифати намояндагони шахсони ҳуқуқии мувофиқ – хазина ва ибодатхонаҳо сухан меравад.

7. Ҳар яке аз ин навъҳои шартнома уҳдадориҳои муайянро ба миён меовард. Лекин, ҳуқуқи уҳдадоркунанда дар ҷамоаи авестоӣ ҷой надошт, аз ин хотир шартнома ва назорати иҷроиши он дар доираи ҳуқуқи муқаррарӣ ба роҳ монда шуда буд. Риоя нагардидани уҳдадориҳо ҳамчун рафтори ношоям, ҳатто гуноҳи динӣ ҳисобида мешуд. Аз ин хотир, тарси гунаҳкор гардидан, гузоштани гарав ҳамчун кафолати иҷроиши уҳдадориҳо баромад менамуданд. Дар давраи ҳукмронии паҳлавиёну сосониён вазъият дигаргун мешавад, ҳуқуқи уҳдадоркунанда ҳамчун қисми таркибии ҳуқуқи шахсӣ рушд менамояд. Хусусиятҳои асосии ҳуқуқи уҳдадоркунанда коркарди шаклҳои бастани шартнома ва ба расмият даровардани уҳдадориҳо, қайди хаттии онҳо, пайдо шудани ҳуҷҷати шартномавӣ; воситаҳои мухталифи таъмини иҷроиши шартнома; ҳимояи судии тарафҳои шартномаро пешниҳод менамуд.

8. Дар Қонунномаи Сосониён меъёрҳои мухталифи манъкунанда ҷойгир карда шудаанд, ки дар ҳолатҳои зарурӣ ин ё он амалро маҳдуд ё манъ менамояд. Манънамоиҳо дар самти ҳуқуқи оилавӣ, дар ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи судӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Қайд намудан зарур аст, ки дар Қонуннома меъёрҳои ҳуқуқи манъкунанда ба таври маҳдуд пешниҳод карда шудаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия** дар он ифода меёбад, ки хулосаҳои дар раванди таҳқиқ бадастомада ва пешниҳодоти дар ҳамин асос ҳосилшуда барои рушди илми таърихи давлат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунанд.

Маводи диссертатсия метавонад ба ҳайси асоси илмӣ барои таҳқиқоти минбаъдаи самти таърихи давлат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои тадриси фанҳои таълимии «Назарияи давлат ва ҳуқуқ», «Таърихи давлат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон», инчунин, курсҳои махсус дар факултетҳои ҳуқуқшиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гардад.

**Асоснок ва ҳақиқӣ будани хулоса ва пешниҳодҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Ҷоизи қайд аст, ки навгонӣ, хулоса ва пешниҳодҳои дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст омада, дар заминаи сарчашмаҳои зиёди илмӣ ва меъёрию ҳуқуқӣ (зиёда аз 148 асари илмӣ, 7 таҳқиқоти диссертатсионӣ, 4 манбаи интернетӣ асарҳои ба забонҳои хориҷӣ нашршудаю сарчашмаи меъёрию ҳуқуқии амалкунанда) ба даст омадаанд. Инчунин, муаллиф хулосаю пешниҳодҳои худро дар 6 номгуи мақолаҳои илмӣ аз соли 2017 то имрӯз дар маҷаллаҳои бонуфузи Тоҷикистон, ки дар феҳристи Комиссияи аттестатсонии ин давлатҳо ҷойгир шудаанд, нашр намуда, мавриди баррасии муҳаққиқону мутахассисон қарор додааст.

Дар таҳияи рисолаи илмии **Ҳоҷиев Муҳиддин Соҳибқулович** истифодаи васеъи методологияи муосири илмӣ эҳсос мегардад. Дар диссертатсия ба таври зарурӣ аз усулҳои умумиилмӣ ва усулҳои махсуси тадқиқотӣ истифода гардидааст,

ки корбасти онҳо барои таҳияи хулосаю навгониҳои илмии объективона имконият фароҳам оварданд. Махсусан, истифодаи усулҳои диалектика, таърихӣ – ҳуқуқӣ, таҳлил ва муқоисаи ҳуқуқӣ ба муаллиф шароит фароҳам овардааст, ки як қатор хулосаҳои илмии асоснок пешниҳод намояд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натоиҷи диссертатсия бо пешниҳоди тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Натиҷаҳои таҳқиқот истифодаи амалии хешро дар раванди таълим пайдо намудаанд. Ҳамчунин натиҷаҳои таҳқиқот ба таври маърӯзаҳо дар конференсияҳои сатҳи мухталиф ироа карда шудаанд, аз ҷумла: Заминаҳо ва омилҳои пайдоиши Қонуннома дар даврони Сосониён. Маводи конференсияи умумидонишгоҳии илмию амалии ҳайати професоррону омӯзгорон, аспирантону донишҷӯён бахшида ба «20-солагии вахдати миллӣ» (17-22 юми апрели 2017). – Данғара, - С. 144-151.; Қонуномаи Сосониён ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ. Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии ҳайати професоррону омӯзгорон, аспирантону магистрантон ва донишҷӯён бахшида ба 27-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2018-соли «рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» (рӯзҳои 27-30-юми апрели соли 2018). – Данғара, - С. 68-74. Таъсири бисёрникоҳӣ ба муносибатҳои оилавӣ. Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии ҳайати професоррону омӯзгорон, аспирантону магистрантон ва донишҷӯён бахшида ба 27-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2018-соли «Рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» (рӯзҳои 27-30-юми апрели соли 2018). – Данғара, - С. 186-189.

Бояд қайд намуд, ки саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ, тасдиқ карда мешавад. Ҳамзамон тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби рисола саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад.

Маводи рисолаи мазкурро дар раванди таълим, яъне ҳангоми омӯзиши фанни таърихи давлат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таърихи ҳуқуқи инсон, назарияи давлат ва ҳуқуқ ва фанҳои ҳуқуқии хусусияти таърихӣ-ҳуқуқӣ дошта, мавриди истифода қарор дод.

**Сохтори диссертатсия** вобаста ба мақсад ва вазифаҳои дар назди муҳаққиқ ва таҳқиқот гузошташуда мантиқан дуруст ҷобаҷо карда шуда, ба фасл ва бобу хулоса, феҳристи сарчашмаҳои истифодагардида тақсим карда шудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса ва феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 161 саҳифаро ташкил медиҳад.

**Таълифоти натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ.**

Феҳристи маводи чопии муаллиф баёнгари он аст, ки муаллиф дастовардҳои илмии худро ба таври комил ва ба таври зарурӣ таҳия ва нашр намуда, мавриди омӯзиши муҳаққиқу мутахассисони соҳа гардонидааст. Натоиҷи таҳқиқоти илмии муаллиф дар 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудбуда нашр шудаанд.

Автореферат мазмуни диссертатсияро пурра инъикос намуда, маълумоти заруриро дар шакли мухтасар оид ба диссертатсия дода метавонад.

Диссертатсия дар самти ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимотҳои ҳуқуқӣ ва сиёсӣ таҳия шуда, доираи фароҳи масъалаҳои фалсафию ҳуқуқӣ, таърихи афкори сиёсӣ ва ҳуқуиро дар бар гирифта, метавонад бомуваффақият дар самти интихобнамудаи муаллиф ҳимоя гардад.

**Дар қатори дастовардҳои эҷодӣ дар рисолаи пешниҳоднамудаи муаллиф баъзе камбудию масъалаҳои баҳсталаб мушоҳида мегардад:**

1)- ба андешаи мо ба таври боз ҳам васеъ таҳлил гардидани вазъи сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии замони навишта шудани Қонунномаи Сосониён метавонист аҳамияти онро дар омӯзиши масоили таҳлилшуда боз ҳам мушаххасу дақиқ намояд.

2) ба андешаи мо боз мазмуни рисола боз ҳам мукаммалтар мегардид, агар дар рисола муқоисаи ҳуқуқии Қонунномаи Сосониён бо дигар сарчашмаҳои таърихӣ ба таври васеъ таҳлил мегардид;
3) ба андешаи мо хусусияти илмии рисола боз ҳам мукаммал мегардид ҳангоми аз ҷониби муаллиф баъзе навгониҳои дар матн исботгардида бояд дар қисмати навгонии рисола гузошта мешуд.

Эроди номбаршуда ба сатҳи баланди илмии рисола таъсир намерасонад.

Таҳқиқотро мо ҳамчун рисолаи баанҷомрасида, комил ва ба талаботи бандҳои 10-12, 14, 16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ» (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ эътироф намуда, муаллифи он - Ҳоҷиев Муҳиддин Соҳибқуловичро сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мешуморем.

**Мутобиқати мазмун ва шакли таҳияи диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ**

Таҳқиқот саҳми илмии муаллиф дар таҳлилу баррасии яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқии замони муосир бахшида шудааст.

Диссертатсияи Ҳоҷиев Муҳиддин Соҳибқулович оид ба мавзӯи «Қонуномаи Сосониён ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқӣ: таҳқиқоти таърихӣ – ҳуқуқӣ» аҳамияти назарӣ ва амалии илмӣ дар соҳаи ҳуқуқ дошта, таҳқиқоти комил ва баохиррасида мебошад, ки дар он як қатор навгониҳои илмӣ пешниҳод шудаанд.

Хулосаю пешниҳодҳои таҳияшуда холигиро дар омӯзиши илмии ин масъалаҳо пурра намуда, имконият барои ҳаллу баррасии як қатор масъалаҳои мубрами ҳуқуқэҷодкунӣ ва амалисозии ҳуқуқро фароҳам меоваранд.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 10-12, 14, 16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №5050 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй мебошад.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Ҳоҷиев Муҳиддин Соҳибқулович оид ба мавзӯи «Қонунномаи Сосониён ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқӣ: таҳқиқоти таърихӣ –ҳуқуқӣ» таҳқиқоти илмии мустақилона анҷом ёфта ба ҳисоб рафта, дар он натиҷаҳои нави илман асоснок ба даст омадаанд ва мушкилоти мушаххаси илмӣ ҳалли худро ёфтаанд. Аз ин сабаб, муаллифи он – Ҳоҷиев Муҳиддин Соҳибқулович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ н.и.х, дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи ДДҲБСТ** **Кенҷаев Ш.Ю.**

**92 7741515**
**shukhrat-1975 @ mail.ru**

ДДҲБСТ
Имзои н.и.х., дотсент Кенҷаев Ш.Ю.
тасдиқ менамоям
Сардори шуъбаи кадрҳо Норматова М.Н.